**Пажӯҳишгоҳи илмӣ тадқиқотии Бонки миллии Тоҷикистон**

# Натиҷаи назарсанҷӣ дар мавзуи "Муносибати аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоббаробаркуниҳои нақдӣ ва ғайринақдӣ"

Душанбе - 2022

Мундарича


**Маълумоти умумӣ ... 3**

**Ҷанбаҳои ташкили назарсанҷӣ ... 3**

**Хусусиятҳои демографии респондентҳо ... 3**

**1. Дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ ... 6**

**1.1. Шаклҳои электронии хизматрасониҳо ... 6**

**1.2. Намудҳои амалиёт бо ВЭП ... 8**

**1.3. Корти пардохтии бонкӣ ... 10**

**1.4. Навъҳои кортҳои пардохтии бонкӣ ... 11**

**1.5. Амалиётҳо бо кортҳои пардохтии бонкӣ ... 12**

**1.6. Истифодаи мунтазами корти пардохтии бонкӣ ... 13**

**1.7. Гирифтани пули нақд бо корти бонкӣ ... 15**

**2. Истифодабарии хизматрасониҳои молиявӣ ... 16**

**2.1. Шаклҳои ҳисоббаробаркунӣ ... 16**

**2.2. Пардохтҳои бетамос ... 19**

**2.3. Истифодабарии ВЭП ... 20**

**2.4. Макони истифодаи ВЭП ... 21**

**2.5. Истифодаи хизматрасониҳои молиявӣ: тиҷорати онлайн ... 23**

**2.6. Истифодаи хизматрасониҳои молиявӣ: ҳамёни электронӣ. 26**

**3. Пешниҳод ва сифатнокии хизматрасониҳои молиявӣ ... 29**

**3.1. Эҳтиёҷот ба номинали пул ... 29**

**3.2. Самтҳои хароҷоти пул ... 30**

**3.3. Шаклҳои гуногуни нуқсон дар пул ... 32**

**3.4. Ҳавасмандии дорандагони кортҳои пардохтии бонкӣ ... 33**

**3.5. Ҳавасмандии соҳибкорон ба пардохтҳои ғайринақдӣ ... 35**

**Хулоса ... 36**

## Маълумоти умумӣ

Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотӣ дар мавзуи "Муносибати аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоббаробаркуниҳои нақдӣ ва ғайринақдӣ" аз 4 то 8 апрели соли 2022 назарсанҷӣ доир намуд, ки мақсади асосии он муайян намудани ҳолати ҳисоббаробаркуниҳои нақдӣ ва ғайринақдӣ ва муносибати аҳолӣ нисбати ин масъала дар ҷумҳурӣ мебошад.

## Ҷанбаҳои ташкили назарсанҷӣ

Дар назарсанҷӣ 1608 нафар респондент иштирок карданд, ки аз онҳо 1005 ё 62,5%-ро мардон ва 603 ё 37,5%-ро занҳо ташкил медиҳанд (ниг. ба диаграммаи 1). Дар назарсанҷӣ респондентҳо аз вилояти Хатлон – 35,8%, вилояти Суғд – 24,8%, НТҶ – 17,5%, шаҳри Душанбе 12,6%, ВМКБ – 9,3% ширкат варзиданд. Саволномаи назарсанҷӣ инчунин дар сомонаи БМТ ҷойгир карда шуд ва дар маҷмуъ 429 нафар ҷавобҳои худро пешниҳод намудаанд. Аз ин миқдор 382 нафар ё 89%-ро мардҳо ва 47 нафар ё 11%-ро занҳо ташкил намуданд.

Респондентҳо бо усули тасодуфӣ аз байни нафароне, ки дар маҳалҳои серодам, бозор, марказҳои савдо, корхонаҳо қарор доштанд, интихоб ва ба пурсиш фаро гирифта шуданд.

## Хусусиятҳои демографии респондентҳо

Дар рафти назарсанҷӣ ба инобат гирифтани аломатҳои демографӣ, аз ҷумла ҷинс, синну сол, макони зист, соҳаи шуғл хеле муҳим буда, оид ба ин аломатҳо маълумот ҷамоварӣ гардидааст. Сохтори ҷинсии респондентҳо чунин аст:




Диаграммаи 1. Сохтори ҷинсии респондентҳо

Маълумот оид ба макони зисти респондентҳо яке аз омилҳои таъсиррасон ба раванди ҳисоббаробаркунии нақдӣ ва ғайринақдӣ ба ҳисоб рафта, се шакли ҷойгиршавӣ: шаҳр, шаҳрак ва деҳотро дар бар мегирад. Ҳисоббаробаркунии нақдӣ ва ғайринақдӣ, ки аз рӯи маҳалли истиқомат дар ҳудуди шаҳрҳои Хуҷанд, Кӯлоб, Хоруғ, Бохтар ва шаҳраки Ғарм интихоб гардидааст, дар ин маҳалҳо тафовутҳои худро дорад. Аз шумораи умумии респондентҳо 597 нафар ё 37,1%-ро сокинони шаҳр, 312 нафар ё 19,4%-ро сокини шаҳрак ва 547 нафар ё 34,0%-ро сокинони деҳот ташкил додааст. Дар баробари ин, 152 нафар ё 9,5% респондентон аз нишон додани макони зист худдорӣ намудаанд.

Дар асоси маълумоте, ки тариқи сомонаи БМТ оид ба ин назарсанҷӣ ба даст омад, муайян карда шуд, ки 379 нафар ё 88% сокини шаҳр, 3 нафар ё 1% сокини шаҳрак ва 47 нафар ё 11% сокини деҳот мебошанд. Маълумоти бадастомада аз он шаҳодат медиҳад, ки бештари истифодабарандагони сомонаи БМТ сокини шаҳр мебошанд. Ҳолати тақсимоти респондентҳо вобаста ба макони зист дар диаграммаи зер оварда шудааст (ниг. ба диаграммаи 2).




Диаграммаи 2. Макони зисти респондентҳо

Сохтори респондентҳо аз рӯи гурӯҳҳои синну солӣ муҳим диниста шуда, дар аксари давлатҳои дунё бозори хизматрасониҳои бонкӣ маҳз аз рӯи ин аломат омӯхта мешавад, зеро аҳолии синну соли ҷавон ба ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва аҳолии калонсол ба ҳисоббаробаркуниҳои нақдӣ бештар майл дорад. Респондентҳо аз рӯи гурӯҳҳои синну солӣ ба 6 қисм ҷудо гардида, фосилаи байни гурӯҳҳо 9 солро дар бар гирифтааст (ниг. ба диаграммаи 3). Аз маълумотҳои дар диаграммаи 3 овардашуда муайян мегардад, ки сохтори респондентҳо

бо дарназардошти хусусиятҳои гурӯҳҳои синну соли гуногун мебошад ва чунин тавсиф карда мешавад; аз 15 то 24 - сола – 341 нафар (21,2%), аз 25 то 34 - сола – 446 нафар (27,7%), аз 35 то 44 - сола – 365 нафар (22,7%), аз 45 то 54 - сола – 242 нафар (15,0%), аз 55 то 64 - сола – 161 нафар (10,0%) ва аз 65 сола калон 40 нафар (2,5%), инчунин 13 нафар (0,8%) респондент дар бораи синну соли худ маълумот пешниҳод накардаанд.




Диаграммаи 3. Сохтори синну солии респондентҳо

Аз маълумоти овардашуда бармеояд, ки аз нисф бештари (50,4%) респондентҳо шахсони аз 25 то 44-сола мебошанд.

Мувофиқи маълумоти сомонаи БМТ маълум шуд, ки 379 нафар (86%) ба гурӯҳи синну солии аз 15 то 24 -сола мансуб мебошанд. Чунин интихоби синну солии респондентҳо қобили қабул мебошад, зеро асосан ҷавонон бештар ба ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва истифодаи шаклҳои гуногуни хизматрасониҳои воситаҳои электронии пардохт майлу хоҳиш доранд.

Ҳангоми назарсанҷӣ аломати дигаре, ки аҳаммият дошта, дар рафти гузаронидани таҳлил ба инобат гирифта шуд, мақоми иҷтимоии респондентҳо ва мавқеи ишғолнамудаашон дар ҷомеа мебошад. Мақоми иҷтимоии респондентҳо аз рӯи истифодабарии шакли ҳисоббаробаркунии нақдӣ ва ғайринақдӣ фарқкунанда буда, муҳим дониста мешавад.

Аз шумораи умумии респондентҳо 53,8% – кормандон ва хизматчиён, 17,5% – талабагон/донишҷӯён, 13,2% – соҳибкорон, 9,7% –

бекорон ва 5,9%-ро нафақахӯрон ташкил додаанд (ниг. ба диаграммаи 4).




Диаграммаи 4. Сохтори мақоми иҷтимоии респондентҳо

Аз маълумоти умумии оид ба хусусиятҳои демографии респондентҳо овардашуда чунин бармеояд, ки респондентҳо метавонанд дар маҷмуъ аҳолиро аз нуқтаи назари иҷтимоию иқтисодӣ намояндагӣ кунанд.

Ҳамчунин маълумоти зимни назарсанҷӣ бадастомада имкон медиҳад, ки оид ба истифода ва пешбурди сиёсати ҳисоббаробаркунии накдӣ ва ғайринакдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияҳои мушаххаси асоснок пешниҳод карда шаванд.

## 1. Дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ

### 1.1. Шаклҳои электронии хизматрасониҳо

Қайд кардан ба маврид аст, ки айни ҳол Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи инкишофи низоми бонкӣ қарор дорад ва ин низом шаклҳои инноватсионӣ ва электронии хизматрасониҳоро ба муштариён пешниҳод менамояд. Доштани маълумоти дақиқ оид ба намудҳои муосири воситаҳои электронии пардохтӣ (ВЭП) (бонкинги мобилӣ, ҳамёнҳои электронӣ, QR-рамз, онлайн – бонкинг) муҳим арзёбӣ мешавад. Бонк ҳамчун субъекти иқтисодиёт барои устувор нигоҳ доштани мавкеи худ вазифаҳои иттилоотӣ, коммуникатсионӣ ва

маркази маслиҳатдиҳиро барои ҳамаи гурӯҳҳои муштариён ба анҷом мерасонад.

Талаботи муштариён ба хизматрасониҳои муосири электронии бонкӣ ва гуногуншаклии маҳсулоти молиявӣ мунтазам бо дарназардошти рушди иқтисодиёт рӯ ба афзоиш мебошад ва зарур аст, ки ин талаботҳо босифат қонеъ гардонида шаванд. Барои дарки ин масъала ва огоҳӣ доштан аз намудҳои ВЭП ба респондентҳо чунин савол пешниҳод гардид: (ниг. ба диаграммаи 5).




Диаграммаи 5. Сохтори огоҳӣ доштани респондентҳо аз намудҳои ВЭП

Аз шумораи умумии респондентҳо 68,0% дар хусуси ВЭП маълумот дошта, 32,0% дар ин бора маълумоти кофӣ надоранд. Агар аз рӯи минтақаҳо ин масъаларо дида бароем, натиҷаҳои назарсанҷӣ нишон медиҳад, ки дар вилояти Суғд – 73,8%, шаҳри Душанбе – 72,8%, вилояти Хатлон – 69,6%, ВМКБ – 66,9% ва НТҶ – 55,2%-и респондентҳо оид ба ВЭП маълумот доранд.

Маълумоте, ки тариқи сомонаи БМТ оид ба ҳамин савол ба даст омадааст, аз он шаҳодат медиҳад, ки респондентҳо (100%) дар ин бора маълумоти кофӣ доранд. Яъне, нафаре, ки барои истифодаи маҷозии сомона (интернент) имконият дорад, оид ба истифодаи ВЭП низ маълумоти кофӣ дар ихтиёр дорад.

Аз маълумоти бадастомада метавон чунин хулоса кард, ки истифодабарии васеи интернет дар минтақаҳо, имконияти истифодабарии ВЭП-ро барои аҳолӣ афзун намуда, заминаро барои рушди он ба вуҷуд меорад.

### 1.2. Намудҳои амалиёт бо ВЭП

Рушди минбаъдаи низоми бонкиро бе истифодабарии воситаҳои муосири электронии пардохт тасаввур кардан ғайриимкон аст. Бинобар ин зарур аст, ки намудҳои хизматрасониҳои электрониро зиёд намуда, бо ин роҳ рушди низоми бонкӣ, суботи молиявӣ ва рақобатпазирии бонкҳоро таъмин намоем. Ҳамчунин барои фаҳмидани масъалаи анҷом додани намудҳои амалиёт тавассути ВЭП, ки респондентҳо пешниҳод кардаанд, чунин маълумот ба даст оварада шуд (ниг. ба диаграммаи 6):




Диаграммаи 6. Сохтори намуди амалиёт бо истифодабарии ВЭП

Аз маълумоти диаграммаи 6 ошкор гардид, ки аз теъдоди умумии респондентҳо 31,2% бо мақсади “пардохти хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ, интернет, барқ, пардохти коммуналӣ”, 25,9% барои “интиқоли маблағ”, 16,2%, бо мақсади “пардохти қарз” ва 14,2% барои “хариди мол” хизматрасониҳои электронии пардохтро ба таври васеъ истифода менамоянд. Яъне, дар самтҳои номбурда истифодаи пардохтҳои электронӣ бештар ба назар мерасад. Аммо, барои пардохти хизматрасониҳои суғуртавӣ ё пардохти хизматрасониҳои давлатӣ (андоз, хироҷ, ҷарима ва ғ.) аз ВЭП камтар истифода бурда мешавад.

Агар ба ин савол аз рӯи минтақаҳо назар афканем, маълум мегардад, ки барои “пардохти хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ,

интернет, барқ, коммуналӣ” дар ВМКБ – 37,0%, вилояти Суғд – 33,8%, шаҳри Душанбе – 32,2%, вилояти Хатлон – 28,5% ва НТЧ – 26,7%-и респондентҳо аз ВЭП истифода мебаранд.

Барои “интиқоли маблағ” дар НТЧ – 32,5%, вилояти Хатлон – 29,1%, вилояти Суғд – 25,2%, ш. Душанбе ва ВМКБ – 19,2%-и респондентҳо аз ВЭП ба таври васеъ истифода мебаранд.

Барои “хариди мол” танҳо дар шаҳри Душанбе 24,5%, дар вилояти Суғд 18,4% ва ВМКБ 14,7%-и респондентҳо ВЭП-ро истифода мебаранд.

Ҳамчунин барои “пардохти қарз” дар вилояти Хатлон – 20,9%, НТЧ – 18,4%, ВМКБ – 15,8% ва вилояти Суғд – 13,6% респондентҳо ВЭП-ро истифода мебаранд.

Бинобар ин зарур аст, ки доир ба он намуди амалиётҳои ВЭП, ки кам ба назар мерасанд, дар минтақаҳо корҳои фаҳмондадиҳӣ ва тарғибу ташвиқот ба роҳ монда шавад.

Барои муайян намудани сабаби аз хизматрасонии электронӣ истифода набурдани аҳолӣ пеш аз ҳама омилҳо ва монеаҳои дар ин самт ҷойдоштаро бояд ошкор намуд. Сабабҳои истифода набурдани ВЭП–ро респондентҳо чунин асоснок намудаанд (ниг. ба диаграммаи 7):

Агар Не сабабҳои истифода набурдани ВЭП-ро дар чӣ мебинед?




Диаграммаи 7. Сохтори сабаби истифода набурдани ВЭП

Натиҷаи назарсанҷӣ нишон дод, ки сабабҳои асосии кам истифода намудан аз ВЭП (1) “надоштани маълумоти кофӣ ё сарфаҳм нарафтан

ба ВЭП" – 29,0%, (2) "гаронии нархи интернет" – 23,1%, ва (3) "мушкилот дар истифодабари ВЭП" – 13,0% мебошанд.

Агар ба ин масъала аз рӯи минтақаҳо назар афканем, назарсанҷӣ маълум намуд, ки "надоштани маълумоти кофӣ ё сарфаҳм нарафтан ба ВЭП"-ро дар шаҳри Душанбе – 34,5%, дар вилояти Суғд – 33,5%, дар вилояти Хатлон – 28,7%, дар НТҶ – 26,1% ва дар ВМКБ – 23,7%-и респондентҳо сабаб нишон додаанд.

Оид ба сабаби "гаронии нархи интернет" респондентҳо қариб назари ягона доранд ва дар ин бобат дар байни минтақаҳо фарқияти зиёд вуҷуд надорад, яъне он 25,1%-ро дар вилояти Хатлон ва 19,0%-ро дар шаҳри Душанбе ташкил медиҳад.

Назарсанҷӣ нишон дод, ки бештари респондентҳо дар шаҳри Душанбе – 22,6%, дар вилояти Суғд – 20,1%, дар вилояти Хатлон – 11,9%, дар ВМКБ – 10,5% ва дар НТҶ – 5,5% "мушкилот дар истифодабарӣ"-ро сабаб нишон додаанд.

Агар дар рафти истифодабарии ВЭП хизматрасонии интернет барои аҳолӣ ба андозаи муайян арзон ё ройгон гардад, пас теъдоди истифодабарандагони ВЭП низ зиёд мешавад. Барои зиёд намудани истифодабарандагони ВЭП бояд низоми мукаммалу замонавии ВЭП омода ва ба аҳолӣ пешниҳод гардад.

Тарғибу ташвиқи истифодабарии ВЭП аз тарафи вазорату идораҳо смарабахш ба роҳ монда шавад.

## 1.3. Корти пардохтии бонкӣ

Барои таъмини рушди бозори хизматрасониҳои ВЭП дар низоми бонкӣ муқаррар намудани шаклҳои гуногуни кортҳои пардохтии бонкӣ ва муайян намудани шумораи ин кортҳо дар дасти респондентҳо зарур мебошад.

Натиҷаи назарсанҷӣ муайян намуд, ки аксари респондентҳо 838 нафар ё беш аз 52,1% – танҳо як адад корти пардохтии бонкӣ, 352 нафар ё 21,9% – зиёда аз се корти пардохтии бонкӣ доранд, беш аз 181 нафар ё 11,3% респондентҳо ягон навъи корти пардохтии бонкӣ надоранд. Ҳамчунин аз теъдоди умумии респондентҳо 41 нафар ё 2,5% – аз посух ба саволи додашуда худдорӣ намуданд (ниг. ба диаграммаи 8).




Диаграммаи 8. Маълумот оид ба доштани корти пардохтии бонкӣ

Маълумоти дар боло овардашуда нишон медиҳад, ки танҳо 21,9%-и респондентон имконияти бештари истифодабарии ВЭП-ро доранд, ки ин нишондиҳанда хеле кам аст. Бинобар ин зарур аст, ки фаъолият дар самти бо корти пардохти бонкӣ гуногун таъмин намудани аҳолӣ ва васеъ намудани доираи фарогирии он пурзӯр карда шавад.

Агар ин масъаларо аз рӯи минтақаҳо дида бароем, маълум мегардад, ки дар ВМКБ – 73,0%, дар вилояти Хатлон – 57,1%, НТҶ – 58,4%, дар вилояти Суғд – 44,8% ва дар шаҳри Душанбе – 39,7% респондентҳо "1 адад" корти пардохтии бонкӣ доранд. Натиҷаи назарсанҷии "зиёда аз 3 адад" корти пардохтии бонкӣ доштани респондентҳо маълум намуд, ки ҳиссаи онҳо дар вилояти Суғд – 31,2%, дар НТҶ – 21,6%, дар вилояти Хатлон – 20,1%, дар шаҳри Душанбе – 17,5% ва дар ВМКБ – 14,9%-ро ташкил додааст.

## 1.4. Навъҳои кортҳои пардохтии бонкӣ

Зимни назарсанҷӣ доир ба муайян намудани намуди корти пардохтии бонкӣ ба респондентҳо саволи "кадом намуди кортҳои пардохтии бонкиро доранд?" пешниҳод гардид.

Таҳлили маълумотҳои назарсанҷӣ муайян намуд, ки аз нисф бештари – 56,3% респондентҳо "Корти миллӣ" доранд ва ҳиссаи намудҳои дигари кортҳои пардохтии бонкии истифодашаванда хеле ночиз мебошад (ниг. ба диаграммаи 9).




Диаграммаи 9. Сохтори ҷавобҳо оид ба доштани намуди кортҳои пардохтии бонкии респондентон

Агар ин масъаларо аз рӯи минтақаҳо дида бароем, маълум мегардад, ки дар ВМКБ – 75,0%, дар НТҶ – 68,1%, дар вилояти Хатлон – 64,2%, дар вилояти Суғд – 45,5% ва дар шаҳри Душанбе 29,8% респондентҳо аз “Корти миллӣ” истифода мебаранд.

Дар натиҷаи назарсанҷӣ муайян гардид, ки 17,2% респондентҳо дорандаи корти “Visa” мебошанд. Ҳиссаи бештари респондентҳои дорандаи корти “Visa” дар вилояти Суғд – 25,8%, дар шаҳри Душанбе – 21,7%, дар вилояти Хатлон – 14,25, дар НТҶ – 10,4% ва дар ВМКБ – 3,7% зиндагӣ мекунад.

Аз маълумоти диаграммаи 9 маълум мегардад, ки таҷрибаи низоми ба фаъолият даровардани корти пардохтии бонкии “Корти миллӣ” самаранок аст ва он барои дигар намуди кортҳои пардохт васеъ ва мувофиқи мақсад истифода гардад.

Инфрасохтори хизматрасонии кортҳои пардохтии бонкӣ дар минтақаҳо бояд вусъат ёбад ва лозим аст, ки ба аҳолӣ оид ба навъи гуногуни кортҳои байналмилалӣ маълумот пешниҳод гардад.

## 1.5. Амалиётҳо бо кортҳои пардохтии бонкӣ

Барои муайян кардани ҳолати бозори хизматрасониҳои электронӣ ва сатҳи инҳисории он навъҳои кортҳои пардохтии бонкии

истифодашаванда ҳангоми анҷом додани амалиётҳои бонкӣ бояд муайян карда шавад. Натиҷаи назарсанҷӣ оид ба ин масъала дар диаграмма чунин ифода ёфтааст (ниг. ба диаграммаи 10):




Диаграммаи 10. Сохтори ҷавобҳо оид ба навъҳои кортҳои пардохтии бонкӣ

Барои ошкор намудани ҳолати инҳисории бозори хизматрасониҳои электронӣ ҳангоми анҷом додани амалиётҳо муқаррар намудани навъи кортҳои пардохтӣ ва ҳолати истифодабарии ин кортҳо муҳим дониста мешавад.

Натиҷаи пурсиш ошкор намуд, ки ҳиссаи асосии бозори хизматрасониҳо 62,3%-ро "Корти миллӣ", 14,6%-ро "Visa" ва 14,5%-ро корти пардохтии "CityCard – Корти миллӣ", инчунин 5,0%-ро корти дохилӣ (Local), 2,5% ва 1,2%-ро кортҳои байналхалқии Master Card ва Union Pay ишғол мекунад.

Агар ба ин аз рӯи минтақаҳо назар афканем, тибқи маълумотҳои назарсанҷӣ маълум мегардад, ки дар ВМКБ – 81,9%-и респондентҳо, дар НТҶ бошад – 78,9%, дар вилояти Хатлон – 70,3%, дар вилояти Суғд – 46,6% ва дар шаҳри Душанбе 36,5% аз кортҳои пардохтии бонкии "Корти миллӣ" истифода менамоянд.

## 1.6. Истифодаи мунтазами корти пардохтии бонкӣ

Масъалаи дигаре, ки дар натиҷаи назарсанҷӣ омӯхта шуд, мунтазам истифода намудани корти пардохтии бонкӣ дар мавриди

ғайринақдӣ пардохтани мол ва хизматрасониҳо мебошад. Мунтазам ва ботакрор истифода намудани кортҳои пардохтии бонкӣ аз тарафи респондентҳо маънои онро дорад, онҳо нисбат ба истифодабарии ВЭП муносибати мусбат доранд.

Натиҷаи пурсиши саволи мунтазам ғайринақдӣ пардохт намудани мол ва хизматҳо тавассути корти пардохтии бонкӣ ҷолиби диққат аст. Натиҷаи пурсиш муқаррар намуд, ки аскарияти респондентҳо (46,4%) шаклҳои гуногуни корти пардохтиро чанд маротиба дар як моҳ мавриди истифода қарор медиҳанд, 21,1% респондентҳо ин кортҳоро чанд маротиба дар як ҳафта истифода мебаранд. Ҳамчунин 8,6% респондентҳо чанд маротиба дар як рӯз аз кортҳои бонкӣ истифода намудаанд, инчунин 12,7% респондентҳо аз ҷавоб додан ба ин савол худдорӣ намуданд (ниг. ба диаграммаи 11).




Диаграммаи 11. Сохтори ҷавобҳо оид ба мунтазам истифода намудани корти пардохтии бонкӣ

Назарсанҷӣ муайян намуд, ки дар минтақаҳо респондентҳо "чанд маротиба дар як моҳ"-ро бештар дар ВМКБ – 66,4%, дар НТҶ – 61,2%, вилояти Хатлон – 66,4%, дар вилояти Суғд – 52,7% ва шаҳри Душанбе – 49,0% интихоб намудаанд.

Агар истифодабарии корти бонкиро дар минтақаҳо аз рӯи ҷавоби "ҳар рӯз" таҳлил намоем, маълум мегардад, ки респондентҳо бештар дар вилояти Суғд – 13,4%, шаҳри Душанбе – 11,3%, ВМКБ – 9,6%, вилояти Хатлон – 9,3% ва дар НТҶ – 5,4% онро интихоб намудаанд.

## 1.7. Гирифтани пули нақд бо корти бонкӣ

Мавриди зикр аст, ки дар сурати зиёд гардидани доираи ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ зарурати аз суратҳисоби корти пардохтии бонкӣ гирифтани маблағҳои нақдӣ камтар мешавад ва талабот ба пули нақд коҳиш меёбад.

Бо мақсади ошкор намудани истифодаи бонкоматҳо барои гирифтани пули нақд вобаста аз муҳлат ба респондентҳо чунин савол дода шуд: "Шумо дар давоми моҳ чанд маротиба аз банкомат пули нақд мегиред?" (ниг. ба диаграммаи 12).




Диаграммаи 12. Сохтори ҷавобҳо оид ба гирифтани пули нақд дар давоми моҳ

Натиҷаи пурсиш ошкор намуд, ки қариб аз нисф зиёди респондентҳо (55,2%) чанд маротиба дар як моҳ барои гирифтани пули нақд аз банкоматҳо истифода менамоянд. Дар баробари ин 4,5%-и респондентҳо ин амалро қариб ҳар рӯз ба анҷом мерасонанд, 16,1% – як маротиба дар як ҳафта истифода намуда, 4,6% респондентҳо тамоман аз банкомат пули нақд намегиранд. Дар назарсанҷӣ ба ин савол 8,5% респондентҳо тамоман ҷавоб надоданд.

## 2. Истифодабарии хизматрасониҳои молиявӣ

### 2.1. Шаклҳои ҳисоббаробаркунӣ

Бо мақсади муайян намудани шакли ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва нақдӣ ва ҳолати воқеии ин масъала ба респондентҳо чунин савол пешниҳод гардид: «Шумо ҳангоми пардохти чаканаи мол ва хизматрасониҳо кадом шакли ҳисоббаробаркуниро бештар истифода мебаред»?

Таҳлили маълумотҳои назарсанҷӣ муайян намуд, ки аз теъдоди умумии респондентҳо 80,3% – ҳисоббаробаркунии нақдӣ ва 19,7% – ҳисоббаробаркунии шакли ғайринақдиро бештар истифода мебаранд. Қариб аз панҷ як ҳиссаи аҳолӣ шакли ҳисоббаробаркунии ғайринақдиро истифода мебарад (ниг. ба диаграммаи 13)




Диаграммаи 13. Сохтори шакли ҳисоббаробаркунии респондентҳо

Назарсанҷӣ муайян намуд, ки дар минтақаҳо аз теъдоди умумии респондентҳо ба масъалаи ҳисоббаробаркунии нақдӣ бештар дар шаҳри Душанбе – 85,7%, вилояти Хатлон – 81,4%, вилояти Суғд – 80,1%, НТҶ – 78,1%, ва ВМКБ – 73,2% ҷавоби мусбат додаанд.

Аз маълумотҳои сомонаи БМТ оид ба ин масъала маълум гардид, ки 88% респондентҳо ҳисоббаробаркунии нақдиро бештар истифода мебаранд.

Таҳлили назарсанҷӣ муайян намуд, ки дар минтақаҳо шумораи респондентҳое, ки пардохти чаканаи мол ва хизматрасониҳоро бо шакли ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ истифода менамоянд, дар

ВМКБ – 26,8%, НТҶ – 21,9%, вилояти Суғд – 19,9%, вилояти Хатлон 18,6% ва дар шаҳри Душанбе – 14,3%-ро ташкил медиҳад.

Тибқи маълумотҳои сомонаи БМТ, 11,7%-и иштирокчиёни назарсанҷӣ иброз намуданд, ки дар пардохти чаканаи мол ва хизматрасонӣ шакли ҳисоббаробаркунии ғайринақдиро истифода менамоянд.

Ҳамчунин натиҷаи пурсиш муайян намуд, ки сабаби аслии ба муомилоти нақдӣ рӯ овардани респондентҳо ба қадри кофӣ вуҷуд надоштани нуқтаҳои пардохти ғайринақдӣ дар савдои чакана ва надоштани саводи кофии молиявӣ ё одати аҳолӣ мебошад. Аз шумораи умумии респондентҳо 22,2% сабаби аслиро дар “мавҷуд набудани нуқтаҳои пардохти ғайринақдӣ дар савдои чакана” ва 23,5% истифода нагардидани ҳисоббаробаркунии ғайринақдиро “аз рӯи одат” ва 18,9% арзёбӣ кардаанд, ки ба назари онҳо “осон ва қулай” мебошад (ниг. ба диаграммаи 14).




Диаграммаи 14. Сабаби аслии ба муомилоти нақдӣ рӯ овардани респондентҳо

Аз натиҷаи ҷамъбасти маълумотҳои назарсанҷӣ муқаррар карда шуд, ки сабаби асосии ба муомилоти нақдӣ рӯ овардани аҳолӣ "аз рӯи одат" – 23,5%-ро ташкил дод.

Агар мо ба ин масъала аз рӯи минтақаҳо назар афканем, пас назарсанҷии мо нишон медиҳад, ки дар шаҳри Душанбе – 29,5%, вилояти Суғд – 26,5%, НТҶ – 23,9%, ВМКБ – 22,7%, вилояти Хатлон – 19,3% истифодабарии воситаи нақдиро барои пардохти чаканаи мол ва хизматрасонӣ "аз рӯи одат" иброз намудаанд.

Тибқи маълумотҳои назарсанҷии тариқи сомонаи БМТ анҷомдода, 77,0%-и иштирокчиёни назарсанҷӣ иброз намуданд, ки сабаби асосии ба муомилити нақдӣ рӯ овардани респондентҳо ин "ба қадри кофӣ вуҷуд надоштани нуқтаҳои пардохти ғайринақдӣ дар савдои чакана" мебошад.

Бинобар ин зарур аст, ки шумораи нуқтаҳои пардохти ғайринақдӣ дар минтақаҳои номбурда зиёд ва назорат нисбати насби POS-терминал ҷиддӣ ба роҳ монда шавад, то ки аҳолӣ ба ин шакли пардохт одат намуда, аз он самаранок истифода барад, он барои ҳама комилан дастрас бошад. Зеро маҳз ин сабабҳо омили рушд наёфтани муомилоти ғайринақдӣ мегарданд. Тавре ки аз диаграммаи 14 мушоҳида намудем, як қисми респондентҳо (18,9%) ҷавоб доданд, ки пардохти ғайринақдӣ "осон ва қулай аст", яъне ба ин теъдоди аҳолӣ агар корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида шавад ва агар мардум таҷрибаи истифодабарии пардохти ғайринақдиро амалӣ намояд, пас теъдоди истифодабарандагони пардохти ғайринақдӣ зиёд мегардад.

Тавре ки дар боло гуфтем, муомилоти ғайринақдӣ як қатор бартариятҳо ва сабабҳои худро дорад, ки асосан инҳо мебошанд: "осон ва қулай будан" – 30,0%, "бехатар" – 24,1%, "босуръатии пардохт" – 20,0%, "имконияти иштирок дар барномаҳои бонусӣ ё гирифтани кешбэк (cash back)" – 11,6%, ва "осон назорат кардани хароҷотҳо" – 9,9% (ниг. ба диаграммаи 15).

Агар назари худро нисбат ба ҷавоби "осон ва қулай аст" аз рӯи минтақаҳо дида бароем, маълум мешавад, ки дар ВМКБ – 48,5%, НТҶ – 41,8%, вилояти Суғд – 33,3%, вилояти Хатлон – 23,3%, шаҳри Душанбе – 22,5%-и респондентҳо чунин вариантро интихоб намудаанд.

Тибқи маълумоти назарсанҷӣ тариқи сомонаи БМТ – 78,0% иштирокчиён варианти "босуръати пардохт"–ро интихоб намуданд.




Диаграммаи 15. Сабаби ба муомилоти ғайринақдӣ рӯ овардани респондентҳо

Аз маълумотҳои диаграммаи 15 бармеояд, ки шумораи истифодабарандагони усули пардохти ғайринақдӣ зиёд мегардад, агар корҳои фаҳмондадиҳӣ ва тарғибу ташвиқ дар ин самт бештар шуда, ин сабабҳо ҳамчун омилҳои калидӣ фаҳмонида шаванд.

### 2.2. Пардохтҳои бетамос

Ҷиҳати дигари масъалаи рушди ВЭП муайян намудани ҷанбаҳои истифода намудани пардохтҳои бетамос мебошад. Дар рафти гузаронидани назарсанҷӣ огоҳӣ доштани респондентҳо аз ин масъала мавриди омӯзиш қарор дода шуд.

Аз шумораи умумии респондентҳо, ки 1608 нафарро ташкил додаанд, 813 нафар ё 50.6% оид ба ин масъала маълумот доштанд, лекин 736 нафар ё 45,8% оид ба ин масъала маълумоти кофӣ надоранд ва 59 нафар ё 3,7% аз баёни фикри худ нисбат ба ин масъала худдорӣ намуданд.

Аз ин бармеояд, ки қариб аз нисф зиёди респондентҳо дар бораи пардохтҳои бетамос маълумот доранд. Назарсанҷӣ муайян намуд, ки 57,5% респондентҳо “кортҳои бонкӣ бо вазифаи пардохти бетамос”–ро истифода менамоянд ва 42,5% бошад, пардохти бетамосро бо воситаи смартфон ба анҷом мерасонанд.

Воситаи асосии пардохти бетамос аслан кортҳои бонкӣ бо вазифаи пардохти бетамос мебошанд, ки 909 нафар ё 69,2% маҳз чунин кортҳоро истифода намуда, 405 нафар ё 30,8% боқимонда бо истифодаи смартфон аз ин шакли хизматрасонӣ баҳравар гардидаанд.

## 2.3. Истифодабарии ВЭП

Барои ошкор намудани динамикаи тағйирёбии истифодаи ВЭП дар соли ҷорӣ нисбат ба соли гузашта дар байни респондентҳо пурсиш гузаронида шуд, ки шумораи умумии иштирокдорон 1608 нафар буда, аз ин миқдор 838 нафар ё 52,1% тасдиқ намудаанд, ки дар истифодаи ВЭП дигаргунӣ ба вуҷуд омадааст, лекин 652 нафар ё 40,5% тасдиқ намудаанд, ки дар истифодаи ВЭП ягон тағйиротро надидаанд ва 118 нафар ё 7,3% аз ҷавоб додан ба ин савол худдорӣ намуданд. Тибқи маълумотҳои тариқи сомонаи БМТ ҷамъомада 99% иштирокчиёни назарсанҷӣ ҷавоби мусбат ирсол намудаанд.

Барои муайян намудани ин тағйиротҳо чанд савол ба респондентҳо пешниҳод гардид, ки истифодабарии ҳамёни электронӣ, QR-рамз, кортҳои пардохти бонкӣ, онлайн-бонкинг, миқдори банкоматҳо ва дигар воситаҳои пардохтро дар назар дорад (ниг. ба диаграммаи 15).




Диаграммаи 15. Сабаби тағйирёбии истифодаи ВЭП

Натиҷаи назарсанҷӣ муайян намуд, ки аз шумораи умумии респондентҳо аз ҳама бештар 27,4% – истифодаи ҳамёни электронӣ, 27,0% – кортҳои пардохтии бонкӣ ва 15,2% – QR-рамзро ҳамчун дигаргунӣ қабул намуда, сатҳи аз ҳама камтарини истифодабарӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ – 3,6% ташкил дод. Аз ин чунин бармеояд, ки барои дар оянда бештар истифода бурдани ВЭП дар самти фаъолияти соҳибкорӣ чораҳои зарурӣ бояд андешид.

Агар ба масъалаи тағйирёбии намуди истифодабарии "QR-рамз" аз рӯи минтақаҳо назар афканем, маълум мегардад, ки аз ҳама бештар дар вилояти Суғд – 23,2%, дар шаҳри Душанбе – 20,9%, вилояти Хатлон – 10,8%, НТҶ – 8,2% ва дар ВМКБ – 7,0% онро интихоб кардаанд.

## 2.4. Макони истифодаи ВЭП

Масъалаи дигар ин ошкор намудани мавқеъ ё ҷойи истифодабарии ВЭП дар соҳаҳои гуногуни хизматрасонӣ мебошад. Тавре аз натиҷаи назарсанҷӣ бармеояд, мавқеи асосии истифодабарии ВЭП марказҳои савдо ва хизматрасонӣ (35,2%) буда, инчунин аз ин шакли хизматрасониҳо барои интиқоли маблағ – 16,1%, пардохти коммуналию андоз – 13,0% ва дигар пардохтҳо қисман истифода бурда мешавад (ниг. ба диаграммаи 16).

Макони истифодаи ВЭП




Диаграммаи 16. Макони истифодаи ВЭП

Ҳолатҳои истифодаи камтар хизматрасонии ВЭП пардохти ҳаққи таҳсил, истифодаи нақлиёти мусофиркашонӣ ва харидории онлайни молу хизматрасонӣ мебошад, ки дар маҷмуъ ҳиссаи ҳамаашон 2,3%-ро ташкил намудааст.

Ҳангоми гузаронидани назарсанҷӣ дар минтақаҳо муайян гардид, ки дар НТҶ – 39,5%, дар вилояти Суғд – 38,4%, ВМКБ – 36,0%, вилояти Хатлон – 35,0% ва дар шаҳри Душанбе – 26,7% макони истифодабарии ВЭП "марказҳои савдо ва хизматрасонӣ" мебошад.

Шумораи бештари респондентҳо – 25,9% дар ВМКБ изҳор намуданд, ки макони истифодабарии ВЭП "марказҳои пардохти коммуналӣ, андоз, барқ, интернет ва ғайра", дар вилояти Хатлон – 27,0% макони истифодабарии ВЭП "марказҳои интиқоли маблағ", дар вилояти Суғд – 19,2% респондентҳо макони истифодабарии ВЭП "нуқтаҳои фурӯши сӯзишвори (АЗС)"-ро интихоб намуданд. Дар шаҳри Душанбе – 21,3% респондентҳо макони истифодабарии ВЭП "нақлиёти мусофиркашонӣ" ва дар НТҶ – 19,9% "марказҳои пардохти коммуналӣ, андоз, барқ, интернет ва ғайра"-ро интихоб намуданд.

Дар назарсанҷии мазкур сабабҳои гуногунии интихоби макони истифодабарии ВЭП дар минтақаҳо ошкор гардид. Инҷо масъалаи муҳим ошкор намудани монеа ва мушкилоте мебошад, ки дар раванди истифодаи ВЭП респондентҳо бо онҳо дучор мешаванд ва онҳо садди роҳи рушди истифодабарии он мегарданд.

Бинобар ин барои ошкор намудани ҳолати воқеӣ чанд савол пешниҳод шуд, аз ҷумла, "дастрасии нокифоя ба шабакаи интернет", "кам будани шумораи банкоматҳо ва POS-терминалҳо", "мунтазам кор накардани терминалҳои электронӣ", "кам будани шумораи терминалҳо дар ноҳияҳои дурдаст" ва ғайраҳо. Натиҷаи назарсанҷӣ муқаррар намуд, ки аксарияти респондентҳо (33,8%) дастрасии нокифоя ба шабакаҳои интернетӣ, кам будани шумораи банкоматҳо ва POS-терминалҳо – 30,9%, мунтазам кор накардани терминалҳои электронӣ – 24,2%, ва кам будани шумораи POS-терминалҳоро дар ноҳияҳои дурдаст – 3,2% монеаи асосӣ медонанд (ниг. ба диаграммаи 17).




Диаграммаи 17. Монеаҳо дар истифодаи ВЭП

Назарсанҷии масъалаи монеа дар истифодаи ВЭП дар минтақаҳо нишон медиҳад, ки бо сабаби "дастрасии нокифоя ба шабакаи интернет" дар ВМКБ – 47,1%, дар НТҶ – 39,9%, дар вилояти Хатлон – 35,8%, дар вилояти Суғд – 27,1% ва дар шаҳри Душанбе – 21,0% респондентҳо ибрози назар кардаанд. Ғайр аз ин, дар ВМКБ – 28,3%, дар вилояти Хатлону НТҶ – 36,7%, шаҳри Душанбе – 31,8%, инчунин нисбат ба "кам будани шумораи банкоматҳо ва POS-терминалҳо" респондентҳо фикри худро баён намудаанд. Дар вилояти Суғд – 37,4% респондентҳо дар бораи "мунтазам кор накардани POS-терминалҳои электронӣ" иброзӣ назар кардаанд.

Бинобар ин барои вусъат ва рушд намудани истифодаи минбаъдаи ВЭП зарур аст, ки пеш аз ҳама таъминоти шабакавии интернети босуръат ва зиёд намудани шумораи умумии банкоматҳо ва таъмини онҳо бо воситаҳои пулии нақд ҳалли худро ёбад.

### 2.5. Истифодаи хизматрасониҳои молиявӣ: тиҷорати онлайн

Ҳолати маҷозии (онлайн) хариди молу маҳсулот ва муайян намудани сатҳи огоҳии респондентҳо оид ба ин масъала яке аз қисматҳои муҳимми назарсанҷии мазкур дониста мешавад.

Ҳангоми назарсанҷӣ ва таҳлили ҷавобҳо оид ба муносибати респондентҳо ба истифода намудани ВЭП барои тиҷорати маҷозӣ муайян гардид, ки 1073 нафар ё 66,7% респондентҳо тариқи маҷозӣ мол ва хизматрасонӣ харидорӣ накардаанд ё дар ин бора огоҳии пурра надоранд. Ҳамагӣ 459 нафар ё 28,5% респондентҳо ба тариқи маҷозӣ мол ва хизматрасонӣ харидорӣ менамоянд ва 76 нафар ё 4,7% респондентҳо аз ҷавоб додан ба ин савол худдорӣ карданд (ниг. ба диаграммаи 18).




Диаграммаи 18. Тариқи маҷозӣ харидорӣ намудани мол ва хизматрасониҳо

Агар ба ин масъала аз рӯи минтақаҳо назар афканем, маълум мешавад, ки бештар дар шаҳри Душанбе – 32,2%, дар вилояти Суғд – 31,8%, ВМКБ – 28,7%, вилояти Хатлон – 26,7% ва дар НТҶ – 24,9% респондентҳо тариқи маҷозӣ мол ва хизматрасонӣ харидорӣ менамоянд. Барои ҷавоб додан ба ин савол бештар дар вилояти Хатлон – 5,7%, шаҳри Душанбе – 5,0%, дар вилояти Суғд – 4,8%, ВМКБ – 3,3% ва дар НТҶ – 3,2% худдорӣ намуданд.

Мувофиқи маълумотҳои назарсанҷӣ тариқи сомонаи БМТ маълум гардид, ки 323 нафар ё 75,3% харидории мол ва хизматрасониҳоро ба тариқи маҷозӣ анҷом медиҳанд, 59 нафар ё 13,8% – истифода намебаранд ва 47 нафар ё 11,0% аз ҷавоб додан ба ин савол худдорӣ намуданд.

Барои ошкор намудани сабабҳои тариқи маҷозӣ харидорӣ намудани мол ва хизматҳо дар назарсанҷии мазкур якчанд савол пешниҳод шуда буд (ниг. ба диаграммаи 19).




Диаграммаи 19. Сабабҳои тариқи маҷозӣ харид кардан

Аз диаграммаи 19 маълум мегардад, ки яке аз сабабҳои асосӣ "фавран расонидани мол ва хизматҳо" мебошад, ки 38,2% респондентҳо маҳз чунин сабабро ишора кардаанд. Инчунин 35,2% респондентҳо сабаби "барои интихоб ва харидории мол ва хизматрасониҳо имкониятҳои зиёд пайдо мегарданд"-ро нишон додаанд. Аз ин маълум мегардад, ки респондентҳо ба сифати хизматрасонӣ ва васеъ гардидани имкониятҳои хариди мол ва хизматрасониҳо бештар таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд.

Агар ба ин масъала аз рӯи минтақаҳо назар афканем, маълум мегардад, ки дар вилояти Суғд – 44,8%, дар ВМКБ – 40,8%, дар шаҳри Душанбе – 35,7%, дар вилояти Хатлон – 35,0% ва НТҶ – 12,3% респондентҳо сабаби "барои интихоб ва харидории мол ва хизматрасониҳо имкониятҳои зиёд пайдо мегарданд"-ро ишора кардаанд.

Инчунин дар вилояти Хатлон – 40,5%, дар ВМКБ – 38,8%, дар шаҳри Душанбе – 38,1% дар вилояти Суғд – 37,2%. ва НТҶ – 32,9% респондентҳо сабаби "фавран расонидани мол ва хизматҳо"-ро интихоб намудаанд. Аз ин маълумотҳо муайян мегардад, ки инфрасохтори хизматрасонӣ барои тиҷорати маҷозӣ дар минтақаҳо вуҷуд дорад.

Баръакси ин ба респондентҳо якчанд савол пешниҳод гардид, ки сабабҳои асосии ба тариқи маҷозӣ харидорӣ накардани мол ва

хизматҳоро номбар кунанд ва дар натиҷа чунин маълумот ба даст омад (ниг. ба диаграммаи 20).




Диаграммаи 20. Сабабҳои тариқи маҷозӣ харид накардан

Таҳлили натиҷаҳои назарсанҷӣ муайян намуд, ки аз ҳама бештар 35,2%-и ресондентҳо надоштани донишӣ кофиро дар бораи тариқи маҷозӣ харидории мол ва хизматрасониҳоро сабаб нишон додаанд. Сабаби дигари муҳим ин "нобоварӣ ба хидматҳои ба таври фосилавӣ пешниҳодшаванда" мебошад, ки онро 27,0% респондентҳо ҷонибдорӣ намудаанд ва ниҳоят 23,8% изҳор намуданд, ки "ғайриимкон будани баҳодиҳии сифати мол" сабаби асосии тариқи маҷозӣ харидорӣ нагардидани молу хизматҳо мебошад.

## 2.6. Истифодаи хизматрасониҳои молиявӣ: ҳамёни электронӣ

Барои огоҳӣ пайдо намудан аз сатҳу сифати хизматрасониҳои электронии пардохт ҳолати истифодаи ҳамёнҳои электронӣ мавриди омӯзиш қарор гирифт.

Натиҷаи назарсанҷӣ муқаррар намуд, ки 983 нафар ё 61,1% респондентҳо аз шаклҳои мухталифи ҳамёни электронӣ истифода бурда, 592 нафар ё 36,8%-и респондентҳо онро истифода намебаранд ва 33 нафар ё 2,1% аз ҷавоб додан ба ин савол худдорӣ карданд (ниг. ба диаграммаи 21).




Диаграммаи 21. Ҷавобҳо оид ба истифода намудани ҳамёни электронӣ

Дар минтақаҳо аз рӯи натиҷаи назарсанҷӣ маълум шуд, ки дар вилояти Суғд – 69,9%, ВМКБ – 64,0%, вилояти Хатлон – 61,5%, дар шаҳри Душанбе – 54,5% ва дар НТҶ – 51,2%-и респондентҳо ҳамёнҳои электрониро истифода менамоянд.

Дар шароити рушди ВЭП зарур аст, ки шумораи ҳарчи бештари аҳолӣ аз хизматрасониҳои электронӣ огоҳӣ дошта, ба таври васеъ аз онҳо истифода намояд, зеро рушди минбаъдаи низоми бонкиро бе истифодаи ҳамёнҳои электронӣ тасаввур кардан ғайриимкон мебошад. Ҳамчунин яке аз талаботҳои рушди низоми бонкӣ аз он иборат аст, ки ҳарчи бештар шаклҳои мухталифи хизматрасониҳои муосири электронӣ дастраси аҳолӣ гардад. Натиҷаи истифодаи ҳамёнҳои электронӣ аз ҷониби респондентҳо чунин аст (ниг. ба диаграммаи 22):




Диаграммаи 22. Ҷавобҳо оид ба истифода намудани навъи ҳамёнҳои электронӣ

Барои ошкор намудани ҳолати бозори хизматрасониҳои электронӣ, истифодаи ҳамёнҳои электронӣ, ки аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ва бонкҳо ба анҷом расонида мешавад, имкон фароҳам овард то ин, ки респондентҳо ҳамёнҳои электронии ҷойдоштаро интихоб намоянд.

Аз натиҷаи пурсиш муайян гардид, ки дар бозори хизматрасониҳои электронии бонкӣ ҳиссаи бештари истифодабарии ҳамёнҳои электронӣ 25,6% ба "Амонатмобайл", 22,3% ба "Алиф моби", 19,9% ба "DC ҳамён", 15,4% ба "Эсхата онлайн", 3,4% ба "IBT 24" ва 2,5% ба "Тезсум" ва 0,9% "АтласПай" рост меояд.

Масъалаи дигар ин муайян намудани навъи ҳамёни электронӣ ва истифодаи респондентҳо аз он мебошад. Респондентҳо то ҳадди имкон тавонистаанд андешаи худро оид ба навъҳои ҳамёни электронӣ ифроз намоянд.

Дар минтақаҳо аз натиҷаи назарсанҷии мазкур муайян гардид, ки ҳиссаи истифодабарандагони ҳамёнҳои электронӣ чунин аст: истифодабарандагони "Амонатмобайл" дар НТҶ – 65,3%, дар ВМКБ – 46,9%, дар вилояти Хатлон – 32,1%, вилояти Суғд – 8,1% ва дар шаҳри Душанбе – 3,2%.

Аз ҳамёни электронии "Алиф моби" бештар дар шаҳри Душанбе – 36,8%, дар вилояти Суғд – 27,7%, вилояти Хатлон – 17,7%, дар ВМКБ – 13,3% ва дар НТҶ – 13,1% респондентҳо истифода менамоянд.

Аз ҳамёни электронии "DC ҳамён" бештар дар шаҳри Душанбе – 28,6%, дар вилояти Суғд – 26,1%, дар ВМКБ – 16,1%, вилояти Хатлон – 16,0% ва дар НТҶ – 7,0% респондентҳо истифода мебаранд.

Нисбат ба ҳамёни электронии "Эсхата Онлайн" назарсанҷии мазкур муайян намуд, ки он бештар аз тарафи респондентҳо дар вилояти Суғд – 27,3% дар вилояти Хатлон – 12,2%, дар шаҳри Душанбе – 10,3% дар ВМКБ – 2,8% ва дар НТҶ – 2,0% истифода мегардад.

Аз маълумотҳои дар боло овардашуда маълум мегардад, ки дар бозори хизматрасониҳои электронӣ хавфи таҷаммуъ паст мебошад ва рақобати солиму имконияти воридшавии озод барои тамоми субъектҳо таъмин гардида, аҳолӣ барои истифодаи хизматрасониҳои босифат ва саривақтии ҳамёнҳои электронӣ имконият дорад.

## 3. Пешниҳод ва сифатнокии хизматрасониҳои молиявӣ

### 3.1. Эҳтиёҷот ба номинали пул

Назарсанҷӣ андозаи эҳтиёҷотро ба арзиши номиналии гуногуни пули истифодашаванда аз тарафи респондентҳо муайян намуд. Мушкилоте, ки дар мавриди муомилоти нақдӣ вуҷуд дорад, ин муайян намудани эҳтиёҷоти аҳолӣ ба шаклҳои муайяни арзиши номиналии пулҳои коғазӣ ва тангаҳои филизӣ дар мавриди пардохти мол ва хизматрасонӣ мебошад.

Аз маълумотҳои назарсанҷӣ муайян гардид, ки эҳтиёҷоти аҳолӣ ба пулҳои коғазии арзиши номиналии 10 сомонӣ (24,1%), 20 сомонӣ (23,0%) ва 50 сомонӣ (21,1%) бештар буда, талабот ба арзиши номиналии 500 сомонӣ нисбатан камтар (5,8%) аст (ниг. ба диаграммаи 23).




Диаграммаи 23. Эҳтиёҷоти аҳолӣ ба арзиши номиналии пулҳои коғазӣ

Аз маълумоти диаграммаи 23 маълум мегардад, ки зиёда аз 68% респондентҳо бештар пули коғазии номинали 10, 20 ва 50 сомониро дар рафти муомилот ва пардохти молу хизматрасонӣ истифода менамоянд.

Тибқи маълумотҳои назарсанҷӣ дар минтақаҳо маълум гардид, ки респондентҳо бештар пули коғазии номинали 10, 20 ва 50 сомониро дар вилояти Хатлон – 70,2%, шаҳри Душанбе – 68,9%, вилояти Суғд – 68,3%,

НТЧ – 66,5% ва дар ВМКБ – 59,7% дар рафти муомилот ва пардохти молу хизматрасонӣ истифода мебаранд.

Талабот бештар ба тангаҳои филизии арзиши номиналии 1 сомонӣ – 33,0%, 3 сомонӣ – 26,4%, 5 сомонӣ – 22,8% буда, талаботи камтарин ба тангаҳои филизии номинали 10 дирам (2,4%) ҷой дорад (ниг. ба диаграммаи 24)




Диаграммаи 24. Эҳтиёҷот ба арзиши номиналии тангаҳои филизӣ

Ҳамин тавр, ҳангоми эмиссияи пул аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ба назар гирифтани талаботи воқеии аҳолӣ ва ба муомилот ҳарчи бештар баровардани шакли арзиши номиналии пули коғазӣ ва тангаҳои филизие, ки талабот ба онҳо зиёд аст, муҳим дониста мешавад.

### 3.2. Самтҳои хароҷоти пул

Масъалаи дигар ин ошкор намудани самти хароҷоти маблағҳо ва муайян намудани таъиноти хароҷотҳои аҳолӣ мебошад. Назарсанҷӣ ошкор намуд, ки 54,3% респондентҳо маблағҳояшонро барои "хариди молу озуқаворӣ", "пардохти таҳсил" – 14,0% ва 13,2% барои "таъмири хона" сарф намуда, ҳиссаи камтарини хароҷотҳо 2,0% – "интиқоли маблағ ба хориҷи кишвар" ва 0,9% барои "истироҳат дар дохил ва хориҷи кишвар" мебошад (ниг. ба диаграммаи 25). Ин ҷо ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки аксарияти маблағҳо барои

қонеъгардонии талаботҳои муваққатии истеъмолӣ сарф гардида, бештари респондентҳо ба табақаи миёнаҳол мансуб мебошанд.




Диаграммаи 25. Сохтори самти хароҷоти маблағҳои респондентҳо

Зинаҳои минбаъда хароҷот барои "пардохти маблағи гузаронидани маросими тӯю маърака" (5,7%) ва "гузоштани пасандозҳо"– 4,2% мебошад, ки ҳиссаи онҳо дар маҷмуъ 18,5%-ро ташкил намудааст.

Агар ба ин масъала аз рӯи минтақаҳо назар намоем, маълум мегардад, ки барои "таъмири хона" дар ВМКБ – 13%, вилояти Хатлон – 16%, вилояти Суғд ва шаҳри Душанбе – 11%, ва НТҶ – 12% маблағҳо сарф гардидаанд.

Бештари респондентҳо дар НТҶ – 66%, ВМКБ – 59%, вилояти Суғд – 57%, вилояти Хатлон – 52% ва дар шаҳри Душанбе – 41% маблағҳои худро барои "хариди молу озуқаворӣ" сарф намудаанд.

Ҳиссаи респондентҳое, ки оид ба масъалаи "сармоягузорӣ" ибрози назар кардаанд, дар вилояти Суғд – 5%, шаҳри Душанбе – 4% ва дар дигар минтақаҳо – 2%-ро ташкил дод. Лозим аст, ки дар ин самт корҳои фаҳмондадиҳиро вусъат дода, иқтидори истифоданашуда ба таври зарурӣ ба кор бурда шавад.

Оид ба масъалаи “гузоштани пасандозҳо” дар шаҳри Душанбе 6%–и респондентҳо чунин посух доданд, ки маблағҳои бадастовардаро ҳамчун пасандоз истифода менамоянд. Ин нишондиҳанда дар минтақаҳо чунин аст: вилояти Суғд – 5%, вилояти Хатлон ва ВМКБ – 4% ва дар НТЧ – 2%. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки бештари аҳолӣ дар минтақаҳо дар бораи гузоштани пасандоз маълумот надоранд ё имконияти доштани пасандозро дарк накардаанд. Агар аз нуқтаи назари илми иқтисод назар афканем, қариб 50% маблағи дар даст доштаи респондентҳо барои харидории молу озуқаворӣ сарф мегардад: яъне “хароҷотҳои ҷорӣ”, “таъмири хона”, “гузаронидани маросими тӯю маърака ва таҷлили идҳо” – хароҷоти дарозмуддат тақрибан 30%, “сармоягузорӣ” (пардохти таҳсил, гузоштани пасандоз) – 17,5% ва дигар пардохтҳо. Назарсанҷӣ муайян намуд, ки айни ҳол даромади респондентҳо чандон зиёд нест. Агар ҳаҷми маблағи сармоягузорӣ ва хароҷоти ғайриистеъмолӣ зиёд шавад, пас ин маънои доро будани респондентҳоро ифода менамояд.

### 3.3. Шаклҳои гуногуни нуқсон дар пул

Албатта, дар мавриди истифодабарии пулҳои коғазӣ респондентҳо бо шаклҳои гуногуни нуқсон рӯ ба рӯ гардиданд. Ин масъала низ мавриди тадқиқ қарор гирифта, муайян гардид, ки нуқсони асосӣ истифодаи пулҳои коғазии чиркиншуда ва бо лента ширешшуда мебошад (ниг. ба диаграммаи 26).

Ба кадом намуди нуқсони пулҳои коғазӣ рӯ ба рӯ мешавед?




Диаграммаи 26. Шаклҳои гуногуни нуқсон дар пулҳои истифодашуда

Аз диаграммаи 26 маълум мегардад, ки респондентҳо аз нуқсонҳо “пулҳои коғазии бегӯша (ё гӯшадарида)”-ро аз ҳама камтар (8,4%) интихоб намудаанд. Ба ин масъала агар аз рӯи минтақаҳо назар афканем, маълум мегардад, ки дар вилояти Хатлон – 35,9%, дар НТҶ – 34,8%, дар шаҳри Душанбе – 34,6%, дар ВМКБ – 30,8% ва вилояти Суғд – 24,5%, яъне бештари респондентҳо “пулҳои қоғазии чиркиншуда”-ро нуқсони пулӣ нишон додаанд.

Пулҳои коғазии нимдарида аз ҳама камтар дар вилояти Суғд – 12,3%, вилояти Хатлон – 15,2%, шаҳри Душанбе – 17,5%, НТҶ – 20,1% ва ВМКБ – 24,0% ба назар мерасад.

Пулҳои коғазии бо лента ширешшуда дар вилояти Хатлон – 28,2% вилояти Суғд – 21,1%, НТҶ – 20,1%, шаҳри Душанбе – 19,6% ва ВМКБ – 13,5% ба қайд гирифта шудааст, ки ин аз эҳтиром ба пули миллӣ гувоҳӣ медиҳад. Яъне аҳолии минтақаҳо пулҳои коғазии фарсудашуда ё дарида ё нимдаридаро бо лента ширеш намуда, барои муомилоту ҳисоббаробаркунии минбаъда истифода менамоянд.

## 3.4. Ҳавасмандии дорандагони кортҳои пардохтии бонкӣ

Барои муайян намудани сатҳи ҳавасманд набудани дорандагони кортҳои пардохтии бонкӣ ба рушди пардохтҳои ғайринақдӣ ба

респондентҳо чанд савол дода шуд, ки натиҷааш чунин аст (ниг. ба диаграммаи 27):




Диаграммаи 27. Сабабҳои ҳавасманд набудани дорандагони кортҳои пардохтии бонкӣ

Тавре аз диаграммаи 27 бармеояд, "набудани миқдори кофии нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ, ки бо POS-терминал муҷаҳҳаз шудаанд" сабаби асосӣ ба ҳисоб рафта, 35,7% респондентҳо онро интихоб намудаанд. Сабаби дуюм, "сатҳи пасти саводнокии молиявии аҳолии кишвар" аст, ки 21,7%-и респондентҳо онро интихоб намуданд. Агар ҳамаи ё қисми зиёди нуқтаҳои савдо (марказҳои савдо, бозор), идораҳои хизматрасонӣ барои аҳолӣ бо таҷҳизоти POS-терминал муҷаҳҳаз карда шаванд, пас теъдоди истифодабарандагони низоми ғайринақдӣ ба таври назаррас зиёд мегардад ва саводнокии молиявии аҳолӣ боло меравад.

Агар мо ба ин масъала тибқи назарсанҷии мазкур аз рӯи минтақаҳо назар афканем, респондентҳо сабабҳои гуногунро нишон додаанд. Масалан, дар ВМКБ – 43,9% ва дар вилояти Хатлон аз ҳама бештар 42,5% – "набудани миқдори кофии нуқтаҳои савдо ва

хизматрасонӣ, ки бо POS–терминал муҷаҳҳаз шудаанд"-ро сабаб нишон додаанд. Дар вилояти Суғд сабаби "сатҳи пасти саводнокии молиявии аҳолии кишвар"-ро 34,6%-и респондентҳо аз ҳама бештар интихоб намудаанд. Дар шаҳри Душанбе – 9,2% низ бештар сабаби "сатҳи пасти саводнокии молиявии аҳолии кишвар" интихоб намудаанд. Дар НТЧ – 48,9% респондентҳо дар бораи "набудани миқдори кофии нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ, ки бо POS–терминал муҷаҳҳаз шудаанд" ибрози назар намудаанд.

### 3.5. Ҳавасмандии соҳибкорон ба пардохтҳои ғайринақдӣ

Кайд кардан ба маврид аст, ки барои рушди соҳибкории хурду миёна вусъат додани пардохтҳои ғайринақдӣ нақши муҳим мебозад. Бинобар ин барои ошкор ва муқаррар намудани сатҳи ҳавасманд набудани соҳибкорони хурду миёна ба рушди пардохтҳои ғайринақдӣ ба респондентҳо якчанд савол пешниҳод гардид, ки натиҷааш чунин аст (ниг. ба диаграммаи 28):




Диаграммаи 28. Сабабҳои ҳавасманд набудани соҳибкорони хурду миёна ба рушди пардохтҳои ғайринақдӣ

Аз диаграммаи 28 дидан мумкин аст, ки бештари респондентҳо (29,9%) изҳор намуданд, ки "хароҷоти иловагӣ барои истифодаи POS-терминал" вуҷуд дорад, ки садди роҳи рушди пардохтҳои ғайринақдӣ мегардад. Инчунин 24,9% респондентҳо ба "пинҳон намудани манбаи андозбандӣ" аз тарафи соҳибкорон ишора кардаанд. 17,8%-и респондентҳо ба "сатҳи пасти саводнокии молиявии соҳибкорон" ишора намудаанд.

Аз ин маълумотҳо бармеояд, ки соҳибкорони хурду миёна манфиати истифодабарии пардохтҳои ғайринақдиро ба таври зарурӣ дарк накардаанд, ки ин садди роҳи рушди пардохтҳои ғайринақдӣ шудааст.

Агар доир ба ин масъала маълумотҳои назарсанҷиро аз рӯи минтақаҳо дида бароем, маълум мешавад, ки аз ҳама бештар дар ВМКБ 21,8%-и респондентҳо "сатҳи пасти саводнокии молиявии соҳибкорон", дар вилояти Хатлон – 45,7% "хароҷоти иловагӣ барои истифодаи POS-терминал", дар вилояти Суғд – 32,1% "пинҳон намудани манбаи андозбандӣ", дар шаҳри Душанбе – 26,3% "сатҳи пасти саводнокии молиявии соҳибкорон" ва дар НТҶ – 27,9%-и респондентҳо "пинҳон намудани манбаи андозбандӣ"-ро сабаб нишон додаанд.

**Хулоса**

Инкишофи ҳисоббаробаркунии нақдӣ ва ғайринақдӣ бе дарназардошти ҳамкории судманд байни ташкилотҳои молиявию қарзӣ, ки ба субъектҳои иқтисодӣ (соҳибкор, марказҳои савдо, ташкилотҳои хизматрасон ва ғ.) хизматрасонӣ менамоянд ва аҳолӣ, ки истифодабарандаи мол ва хизматҳо мебошад, ғайриимкон аст.

Назарсанҷӣ муайян намуд, ки нишондиҳандаи истифодабарии пардохти чаканаи мол ва хизматрасониҳо бо шакли ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар байни минтақаҳои Тоҷикистон тафовут дорад. Агар мо дастрасии якхелаи истифодабарии Воситаҳои электорнии пардохт (ВЭП)-ро дар минтақаҳо ҷорӣ намоем, пас ин ҳолат имконияти зиёд намудани ин шакли пардохтро дар минтақаҳо фароҳам меорад.

Дар ин самт низоми бонкиро зарур аст, ки як қатор чораҳоро дар самти беҳбудии соҳаҳои хизматрасонӣ ба аҳолӣ (андоз, коммуналӣ, савдо, ва ғайра) роҳандозӣ намуда, шаклҳои мухталифи муосири хизматрасониҳои инноватсионии бонкиро дар амал ҷорӣ намояд ва бо ин роҳ талаботро ба пули нақд коҳиш диҳад. Яке аз усулҳои тақвият

додани майлу рағбати аҳолӣ барои истифодаи ВЭП усули иқтисодӣ-ҳавасмандгардонӣ мебошад. Ин усул як қатор имтиёзҳоро барои ҳавасмандгардонии муштариён бояд пешбинӣ намояд. Аз ҷумла, бо меъёри 1 ё 0,5% ҷорӣ намудани тахфиф дар мавриди истифода намудани ВЭП ҳангоми ҳисоббаробаркунии нақдӣ (барои муштариён); ё дар ҳолати истифода намудани ВЭП додани туҳфа ба харидорон (дар нуқтаҳои хизматрасонӣ ва савдо); ҳангоми ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ба муштариён пешниҳод намудани (cash back ё ҳаргуна бонусҳо), ҳамчунин имтиёзҳо дар пардохти андози савдои чаканаи мол ва хизматрасониҳо (барои соҳибкорони хурду миёна) ва ғайра.

Дигар усули сафарбарсозии аҳолӣ барои истифодаи ВЭП усули иҷтимоӣ-равонӣ мебошад. Зимнан ин усул пеш аз ҳама баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолиро, махсусан барои наврасону ҷавонон, пешбинӣ менамояд. Яъне, зиёд намудани шумораи POS-терминалҳо дар марказҳои савдо, ба таври васеъ истифода намудан аз ҳамёнҳои электронӣ ва корти пардохтии бонкӣ, инчунин ғайринақдӣ супоридани пардохтҳои коммуналӣ ва ғайра. Омӯзиши воситаҳои муосири хизматрасонии электронии бонкӣ ба тақвият бахшидани «Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мусоидат менамояд.

Муносибати аҳолӣ ба сатҳу сифати хизматрасонӣ дар самти ҳисоббаробаркуниҳои нақдӣ ва ғайринақдӣ муҳим дониста шуда, барои пешбурди кор ва ҳалли масъалаи ҷойдоштаи ҳисоббаробаркуниҳои нақдӣ ва ғайринақдӣ имкон фароҳам меорад. Назарсанҷӣ муайян намуд, ки муносибати респондентҳо ба масъалаи ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар маҷмуъ мусбат мебошад.

Аз натиҷаи назарсанҷии ҳамчунин муайян гардид, ки барои самаранок намудани фаъолияти ҳисоббаробаркуниҳои нақдӣ ва ғайринақдӣ дар ду самт (иҷтимоӣ ва иқтисодӣ) бояд фаъолиятро вусъат дод:

1. Тақвияти фаъолият дар самти иҷтимоӣ (идоракунии муносибатҳо байни муштариён: субъектҳои иқтисодӣ ва аҳолӣ), аз ҷумла:

- зарур аст, ки ташкилотҳои қарзии молиявӣ ҳамчун субъекти иқтисодиёт бо мақсади устувор нигоҳ доштани мавқеи худ вазифаҳои иттилоотӣ, коммуникатсионӣ, ва маркази маслиҳатдиҳиро барои ҳамаи гурӯҳҳои муштариён ба роҳ монанд. Талаботи муштариён ба хизматрасониҳои муосири электронии бонкӣ бо дарназардошти

рушди иқтисодиёт ва гуногуншаклии он ба назар гирифта шуда, ба он таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардида, ба аҳолӣ махсусан дар минтақаҳо маҳсулоти молиявии муосир бештар пешниҳод карда шавад;

- агар ба аҳолӣ оид ба имкониятҳои ВЭП ва намудҳои хизматрасониҳои муосири электронӣ ё гуногуншаклии онҳо маълумот бештар пешниҳод гардад, пас ин сабаби вусъатёбӣ ва таҳкими ҳамкорӣ бо ташкилотҳои қарзии молиявӣ, таъмини рақобатпазирии онҳо ва устувории низоми молиявӣ мегардад;

- аз маълумотҳои назарсанҷӣ бармеояд, ки инфрасохтори хизматрасонии кортҳои пардохтии бонкӣ дар минтақаҳо дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст. Бинобар ин, инфрасохторро таҳким бахшида, оид ба навъи кортҳои байналмилалӣ барои аҳолӣ маълумот пешниҳод намудан зарур мебошад;

- корҳои фаҳмондадиҳӣ ва ташвиқу тарғиботро оид ба имкониятҳои ВЭП ва бартариятҳои истифодабарии пардохтҳои ғайринақдиро барои соҳибкорони хурду миёна вусъат бахшидан лозим аст.

2) Тақвияти фаъолият дар самти иқтисодӣ (идоракунии захираҳои молиявӣ байни муштариён: субъектҳои иқтисодӣ ва аҳолӣ):

- натиҷаи назарсанҷӣ муайян намуд, ки истифодабарии ВЭП аз мавҷуд будани шабакаи интернет вобаста аст;

- агар ҳангоми истифодабарии ВЭП хизматрасонии шабакаи интернет барои аҳолӣ нисбатан арзон ё ройгон гардад, дар ин ҳолат теъдоди истифодабарандагони ВЭП низ зиёд мешавад;

- сабаби асосии ба ҳисоббаробаркунии нақдӣ рӯ овардани аҳолӣ ин пеш аз ҳама “ба қадри кофӣ вуҷуд надоштани ВЭП дар нуқтаҳои хизмарасонӣ ва савдо”, “надоштани саводи кофии молиявӣ” ва “аз рӯи одати аҳолӣ” мебошад. Агар ҳама ё қисми зиёди нуқтаҳои хизматрасонӣ ва савдо, идора ва муассисаҳои хизматрасонӣ барои аҳолӣ (андоз, коммуналӣ ва ғ.) бо POS–терминал муҷҳаҳаз гардида, фаъол бошанд, пас теъдоди истифодабарандагони ВЭП зиёд мешавад ва сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ низ ба таври назаррас баланд мегардад.

Бояд қайд кард, ки дар таҷрибаи давлатҳои пешрафтаи дунё ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ як ҷузъи муҳим ва мунтазам истифодашаванда ба ҳисоб рафта, тамоми аҳолӣ новобаста аз мақоми иҷтимоӣ аз он ба таври васеъ истифода мебарад.

Бинобар ин зарур аст, ки таҷрибаи дигар кишварҳо дар ин самт ҳамаҷониба омӯхта шуда, ҷиҳати ҷорӣ намудани он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои зарурӣ андешида шавад.

Ҳамин тариқ, натиҷаи назарсанҷӣ дар мавзуи "Муносибати аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоббаробаркуниҳои нақдӣ ва ғайринақдӣ" самтҳои афзалиятнокро барои истифодабарии ВЭП муайян намуд.